**Бухороиёни ҷавон –** созмони сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар амирнишинии Бухоро дар ибтидои асри XX/14. Дар авохири даҳаи чоруми асри 14, дуввумин даҳаи асри XX, таоруз миёни неруҳои суннатӣ ва муҳофизакор, ки аз сӯи амири Бухоро, Олимхони манғит (давраи ҳукумат 1910-1920/1329-1339) ҳимоят мешуданд, аз як сӯ ва неруҳои ҷавону навгаро, ки ҳаводори ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ буданд ва бо донишҳои нав ва ғарбӣ ошноӣ доштанд, аз дигар сӯ авҷ гирифт. Ба дунболи талошҳои адибони маорифпарвар чун Аҳмад Махдуми Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Абдулқодирхоҷа Савдо, Қорӣ Раҳматулло Возеҳ, ки дар нимаи пасини садаи XIX/13 фаъолият доштанд, тадриҷан неруи тозае дар Бухоро падид омад, ки дар ташаккули он матбуот саҳми басазое доштанд; рӯзнома ва моҳномаҳое, ҳамчун “Чеҳранамо”, “Тарҷумон”, “Сироҷ-ул-ахбор”, “Вақт”, “Шӯро”, “Мулло Насриддин”, “Ҳабал-ул-матин”, “Хуршед”, “Туҷҷор”, “Осиё ва шӯҳрат” дар Афғонистон, Ҳиндустон, Тотористон, Эрон, Озарбойҷон ва Миср чоп мешуд. Ҳамзамон, фарҳехтагон ва равшанфикрони Осиёи Марказӣ низ бо интишори матбуоте чун “Самарқанд” (1904-1907/1322-1325), “Бухорои шариф” (1912-1913/1330-1331), “Садои Фарғона” (1912-1914/1330-1332), “Ойина” (1914-1915/1332-1334), “Тӯрон” ва “Садои Туркистон” ба тарвиҷи афкори худ ҳиммат гумоданд. Ин наҳзат, ки ба номҳои “Бухороиҳои ҷавон” ва “ҷадид” шинохта шудааст, аз шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон ва донишмандоне равшанфикр ва миллигаро ташкил шуда буд, ки маъруфтарини онҳо иборатанд аз: Абдуррауф Фитрат нависандаи “Мунозира” ва “Баёноти сайёҳи ҳиндӣ”; Мирзо Сироҷ Ҳаким муаллифи “Туҳафи аҳли Бухоро”; Сиддиқии Аҷзӣ бо осоре чун “Анҷумани арвоҳ”, “Миръоти ибрат”, “Ганҷинаи ҳикмат” ва “Айн-ул-адаб”; Тошхоҷа Асирӣ, Садриддин Айнӣ нависандаи “Таҳзиб ус-сибён”, “Заруриёти диния” ва “Тартил-ул-Қуръон”; Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ муаллифи “Алифбои мактаби ислом” ва “Падаркуш”; Васлии Соҳиб “Армуғони дӯстон”; Домулло Икромча нависандаи “Бедории хуфтагон ва огоҳии ноогоҳон”; Сайидризо Ализода, Абдулвоҳид Мунзим; Сайидҷон Махдуми Назмӣ, Мирзо Ҳайит Саҳбо, Аҳмадхоҷаи Меҳрӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ муаллифи “Саодати нав” ё худ романи миллӣ; Баҳриддин Азизӣ нависандаи “Шукуфаи нав” ё худ адабиёти миллӣ; Ҳошим Шойиқ ва Усмонхоҷа (Х. Асозода, саҳ. 16-18; Ҳитчинс, саҳ. 34-37; С. Айнӣ, 1987, саҳ. 233).

Навгароии “Бухороиҳои ҷавон” вокуниши шадиде падид овард. Амир Олимхони манғит ва бархе аз рӯҳониёни бонуфуз дар баробари ҳаракати “Бухороиҳои ҷавон” камар бастанд. Онҳо намояндагони ин ҷараёнро кофири сирф донистанд ва дар 1917-1918/1336-1337 куштори густардае дар миёни онҳо ва ҳаводоронашон ба роҳ андохтанд. Ин рӯйдоди ваҳшатнок дастмояи достони воқеъгароёнаи “Ҷаллодони Бухоро” (1920/1339) шуд. Гарчи оморе аз куштагони ин моҷаро дар даст нест, гумон меравад, ки даҳҳо ҳазор нафар аз рӯшанфикрон, ҳунармандон, соҳибони ҳирфа ва касаба дар миёни онҳо буда бошанд. Аз ҷумла, Мулло Аҳмадхоҷа Меҳрӣ дар Регистони Бухоро, Мирзо Ҳайит Саҳбо дар Қубодиён ва Сайидҷон Махдуми Назмӣ дар зиндони Бухоро дар 1918/1337 ба қатл расиданд; Неъматулло Муҳтарам, ки дар 1918/1337 ҷон ба дар бурда буд, дар 1920/1339 ба дасти болшевикҳо кушта шуд; Икромча аз Бухоро ронда ва писараш дар зиндон кушта шуд; Мунири Кашмирӣ (хабарнигори “Ҳабал-ул-матин” дар Бухоро) дар 1904/1322 аз Бухоро бадарға карда шуд ва ба Машҳад паноҳ овард; Садриддин Айнӣ пас аз таҳаммули шиканҷа дар апрели 1917/раҷаби 1331 ба кӯмаки артиши Сурх аз зиндон наҷот ёфт (С. Айнӣ, 1926, саҳ. 392-394, 478-480, 494-495; ҳамон 1362 ш., саҳ. 812-823; Ҳабибов, саҳ. 328).

Вокуниши шадиди амирони Бухоро дар баробари “Бухороиҳои ҷавон” зарбаи ҷонкоҳе буд, ки парокандагӣ ва фурӯпошии ин созмонро дар пай дошт. Теъдоде аз фаъолони “Бухороиҳои ҷавон” ба раҳбарии Файзулло Хоҷаев (1896-1938/1275-1317) дар январи 1920/1338 дар Тошканд “Кумитаи марказии туркистонии ҷавонбухороиёни инқилобӣ”-ро ташкил доданд. Камунистҳои Бухоро бо мақсади сарнагунии ҳукумати амир, бо тамоми неруҳо, аз ҷумла бо “Бухороиҳои ҷавон”, маккорона паймони иттиҳод бастанд. Чун болшевикҳо ба Бухоро ҳамла оварданд, Амир Олимхон, ки тавони муқовимат надошт, фирор кард ва Бухоро, ки қуббаи ислом хонда мешуд, ба осонӣ ба тасарруфи болшевикҳо даромад. Ҷиноҳи чапи “Бухороиҳои ҷавон”, Хоҷаев, Қодирӣ ва Муҳиддинов дар декабри 1920/1339 расман ба болшевикҳо пайвастанд. Бахше аз ҷиноҳи рост дар баробари артиши Сурх ҷангиданд, ки баъдҳо ононро “босмачӣ” гуфтанд ва таърихнигорони шӯравӣ арзёбии манфӣ аз онон доштанд (Мирзозода, саҳ. 71). Чеҳраҳои адабии “Бухороиҳои ҷавон” ҳамчун Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Фитрат, Беҳбудӣ, Авҳадӣ ва дигарон, ки аз истибдоди амири манғит ба ҷон омада ва дар шиорҳои сотсиалистии болшевикҳо

ормонҳои худро дарёфта буданд, қалами худро ба суди инқилоби Октябр ба кор бурданд (Қубодиёнӣ, саҳ. 26-28).

Дар пажӯҳишҳои таърихии шӯравӣ на танҳо ба босмачиён, балки ба ҳеҷ як аз "Бухороиҳои ҷавон" арзиши лозимро надода ва наҳзати онҳоро "ҳаракати миллигароёна ва иртиҷоъӣ" қаламдод кардаанд (Д. Тоҷикӣ, зайли "Босмачигӣ"). Аммо Холиқ Мирзозодаи Самарқандӣ, муҳаққиқи барҷастаи тоҷик, бо заҳмати бисёр ва таҳаммули фишорҳои шадид кӯшид то мақоми "Бухороиҳои ҷавон" ба дурустӣ арзёбӣ шавад.

**Сарчашмаҳо:**


1. Амирбек Ҳабибов. Ганҷи Зарафшон, Душанбе, 1991, (ба хатти сирилӣ);
2. Доиратулмаорифи адабиёт ва санъати тоҷик, Душанбе, 1989, ҷ. 2, саҳ. 316, (ба хатти сирилӣ);
3. Доиратулмаорифи шӯравии тоҷик, Душанбе, 1978-1989, ҷ. 1, саҳ. 166, 292-293; ҷ. 2, саҳ.551-552; ҷ. 8, саҳ. 437, 442 (ба хатти сирилӣ);
4. Худойназар Асозода. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он, Душанбе, 1991, (ба хатти сирилӣ);
5. Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби халқии Бухоро, Душанбе, 1987, саҳ. 234-239 (ба хатти сирилӣ);
6. Ҳамон. Ҷаллодони Бухоро, дар Куллиёти Айнӣ, Душанбе, ҷ. 4, (ба хатти сирилӣ);
7. Ҳамон. Намунаи адабиёти тоҷик, Москва, 1926;
8. Ҳамон. Ёддоштҳо, чопи Саъдӣ Сирҷонӣ, Теҳрон, 1362 ш.;
9. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Адабиёти нави тоҷикӣ, Кайҳони фарҳангӣ, соли 9, ш. 10 (даймоҳи 1371);
10. Холиқ Мирзозода. Адабиёти ҷадидаи демократӣ, Садои Шарқ, ш. 9 (1969), (ба хатти сирилӣ);
11. Кейт Ҳетчинс. Адабиёти навини тоҷик, тарҷумаи С. Шаҳбозӣ, Адабистон, ш. 2 (баҳмани 1368);
12. O sotsialnom sostave dzadidov Sredney Azii, zhurnal Istoriya Sovetskaya Soyuza, Moscow 1963, no. 2;

13. A. Piaskovsky, Revolyutsiya 1905-1907 godov v Turkestane, Moscow 1958;
14. I. Valiev, Narodnaya Sovetskaya Respublika Buchara, Tashkent 1969.

***Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ***

***Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷилди 1, саҳ. 613 (ба форсӣ)***

***(Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ)***